Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Масъалаи сиёсати забон ва хусусиятҳои он яке аз мавзуъҳои мубрам дар илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, асоси онро зарурати объективии баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии забони расмии давлатӣ ва рушду инкишофи минбаъдаи он ташкил медиҳад. Яке аз комёбиҳои тозаю нодир дар Тоҷикистон, ки баъди ба даст овардани давраи Истиқлол ба назар мерасад, ташаккул ёфтани сиёсати забон аст. Дар бораи нақши бузург доштани забон дар ҳаёти шахс ва ҷамъият мутафаккирон аз давраҳои қадим изҳори андеша кардаанд. Ба хотир овардан кифоя аст, ки яке аз се унсури меъёри зиндагии шоиста, ки дар сарчашмаи қадимаи мардуми эронитабор "Авасто" омадааст, ба забон (гуфтор) марбут аст: пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек.

Забони тоҷикӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории миллат ва давлатдории миллӣ аз ҷониби давлат ҳимоя ва нигаҳдорӣ мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар бораи забон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ ва забонҳои дигари ҷумҳурӣ равона шудааст. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси забони муошırати байни миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ низ истифода мешавад. Ин забон дар муносибатҳои расмии шифоҳӣ ва хаттӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, судӣ, дар соҳаҳои илму маориф, техника, технология, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, иттилоот ва бахшҳои дигари коммуникатсия истифода мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, рисолаии илмии Расулзода Р. дар мавзуи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» аҳаммияти муҳимми илмиро ба худ касб менамояд. Ба унвунҷӯ муяссар гардидааст, ки дар асоси маводҳои мухталиф ва сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, таҳлили санадҳои расмӣ ва барномаҳои мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикстон дар соҳаи забон, паёмҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводҳои таърихӣ аз Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намояд.

Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ аз сарсухан, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад ва бо истифода аз методологияи дурусти интихобшуда навишта шудааст. Объекти таҳқиқотро сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он ва мавзуи (предмет)

таҳқиқотро сиёсати забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Муқаррароти асосии диссертатсияи мазкурро метавон дар лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба масъалаи сиёсати забонӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода намуд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор нишондодашуда метавонад дар пешбурди сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар кори диссертатсионии Расулзода Р. таҷрибаи таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати татбиқи сиёсати забон ва ҳадафҳову рушди минбаъдаи забони давлатӣ таҳлил гардида, аҳамияти назариявию амалии мавзуи мазкур муҳим шарҳу эзоҳ ёфтааст. Сиёсати забонӣ унсури таркибӣ ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар инкишофу рушди миллӣ ва вазъияти забон нақши муҳим дорад.

Дар кори таҳқиқотии худ муаллиф масъалаҳои муҳими сиёсати давлатро оид ба забон мавриди таҳлилу баррасӣ намуда, қайд намудааст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбат зуҳуроти манфии таъсиргузор, пеш аз ҳама, ба забону фарҳанг ва либоси миллӣ низ доранд. Бинобар ин, масъалаи сиёсати забонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, тахкикоти комили илмиро тақозо дорад. Диссертант адабиёт ва сарчашмаҳои илмии вобаста ба ин масъала мавҷударо мутобиқи самтҳои асосие, ки мавриди пажуҳиш ва истифода қарор гирифтаанд, ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо намудааст. Махсусан, сахми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони тоҷикӣ ва сиёсати марбут ба забон барҷаста нишон дода шудааст.

Мухиммияти асосии таҳқиқоти дисертант дар он ифода мегардад, ки сиёсати забонӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ нишон дода шуда, ҳадаф ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Аз нигоҳи таҳқикоти илмӣ, мавзуи забон ва истифодаи он ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллӣ яке аз проблемаҳои мубрами илми муосир гардидааст. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон имрӯз давлатеро пайдо намудан мушкил аст, ки дар бораи ҳифз ва тақвият бахшидани забони миллии худ ғамхорӣ надошта бошад. Нақши забон ҳамчун василаи сиёсат ва категорияи илмҳои сиёсатшиносӣ ва геополитикӣ дар қарни XXI, бо инкишофи системаҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ниҳоят боло рафтааст.

Сиёсат тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, бешубҳа ба ҳаёти инсонҳо таъсири бузург мерасонад. Сиёсати забонӣ бошад, яке аз самтҳои муҳимме мебошад, ки барои давлату ҷомеа нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи масъалаи мазкур, хусусан баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти хоса касб кардааст. Дар давоми солҳои охир дар чорабиниҳои сиёсӣ ва илмиву фарҳангӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар миқёси байналмилалӣ забони тоҷикӣ ба сифати забони миллӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифодаи комил қарор гирифт ва вазифаи забони муоширати байни

мардумони кишварро бо сарбаландӣ иҷро карда истодааст. Забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар сохторҳои давлативу ҳукуматӣ, истеҳсолоту иқтисодиёт, илму фарҳанг ва дигар ниҳодҳои ҷомеа мавқеи забони расмии коргузориро ба даст овард ва нақши худро дар иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ низ устувор намуд.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки сиёсати забонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дар рушду инкишоф ва устувории муносибатҳои миллӣ ва вазъияти забонӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати забонӣ имкон медиҳад, ки меъёрҳои ризоияти миллию ҷамъиятӣ, якрангии иҷтимоӣ, аз байн бурдани шиддати этнополитикӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Аз ин рӯ, барои мамлакатҳое, ки ба тозагӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардаанд, сиёсати забонӣ хеле аҳаммиятнок буда, дар раванди давлатдории миллӣ нақши меҳвариро иҷро менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар даврони истиқлол забони тоҷикӣ ба забони асосии раванди таҳсил дар зинаҳои гуногуни маориф ва воситаҳои ахбори омма мубаддал гардид. Истифодаи самарабахши забони давлатӣ дар тамоми зинаҳои соҳаи маориф имкон медиҳад, ки забони мо ҳам дар сатҳи таълим ва ҳам дар сатҳи илмӣ густариш пайдо кунад, чунки таҳияи садҳо ҳазор китобу воситаҳои таълимӣ бо забони давлатӣ, ҳамгунсозии истилоҳоти истифодашаванда дар ин воситаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки забони илмии тоҷикӣ ҳам дар бахши илмҳои иҷтимоӣ ва ҳам дар бахши илмҳои дақиқ поягузорӣ шавад.

Асоси назариявии тадқиқоти мазкурро асарҳои муаллифони ватанию хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва пажуҳишҳои олимони соҳаҳои гуногуни илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсатшиносон, ки дар бораи сиёсати давлатии забонӣ таҳқиқотҳо анҷом додаанд, ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқот принсипҳои умумиилмӣ, ба монанди объективият, таърихият, системанокӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва инчунин усулҳои иҷтимоӣ – сиёсии таҳлили вазъи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот корҳои бунёдии олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ, қонунҳо, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати забонӣ истифода шудааст. Инчунин асоси таҳлилу таҳқиқ аз асарҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он масъалаҳои марбут ба сиёсати забон ва дурнамои инкишофи забони давлатӣ баррасӣ шудааст, сарчашма мегирад.

Диссертант ҳамчунин вобаста ба масъалаҳои ислоҳоти забонӣ изҳори андеша намудааст. Қайд намудааст, ки гузаронидани ислоҳоти забонӣ дар таҷрибаи ҳар як давлати соҳибистиқлол ба мушоҳида мерасад. Аммо дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлол дар ин самт корҳои назаррас бештар дида мешаванд.

Расулзода Р. дар кори диссертатсионии худ вобаста ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаи забони давлатӣ ибрози андеша намудааст, ки ин усулҳои ба амал баровардани нақшаву тадбирҳои давлатиро ташкил менамоянд. Аз ҷумла, таъсиси комиссияи ҳукуматӣ оид ба татбиқи Қонуни забон дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, таъсиси комиссияҳои

корӣ дар идора, корхона ва муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва ғайра, танзими нақшаҳои корӣ (аз мақомоти давлатӣ то муассисаҳо) баҳри татбиқи Қонуни забон, тарҳрезии барномаҳои нави таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз фанни забон барои мактабҳои миёна ва олӣ, ташкили дарсҳои забономӯзӣ дар корхонаву муассисот ва гайра.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳои дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Сохтору муҳтавою натиҷагирии диссертатсия, дар маҷмуъ, бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад. Кори таҳқиқотӣ дорои натиҷаҳҳои мантиқӣ буда,бо риояи қоидаҳои аппарати илмӣ навишта шудааст. Инчунин натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо навовариҳо ва далелҳои илмӣ иртибот доранд . Ин самараи муносибати ҷиддии ҳимоякунанда нисбат ба омӯзиши мавзуъ мебошад, ки ба услубҳои методологии самараноку дуруст интихобшуда, таҳлили амиқи доираи васеи асарҳои гуногуни илмӣ асос ёфтааст.

Муқаррароти асосии диссертатсияи мазкурро метавон дар лексияҳо ва курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба масъалаҳои сиёсати забон, таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода намуд. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашуда метавонанд дар пешбурди хубтари сиёсати марбут ба забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Навовариҳое, ки дар кори диссертатсионии Расулзода Р. ба мушоҳида мерасанд, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар кори илмии мазкур саҳми шахсии муаллиф мушоҳида мегардад. Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби диссертант Расулзода Р. ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф роҳҳои амалишавии сиёсати забонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои танзими давлатии сиёсати забон ва дурнамои рушди онро дар Тоҷикистон таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Бо такя ба адабиёти илмии муосир ва истифода аз сарчашмаҳои зиёд ба муаллиф муяссар гардидааст, ки ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мавриди таҳқиқро таҳлил намуда, хулосаҳои ҷолиб пешниҳод намояд. Махсусан пешниҳодҳо оид ба татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба такомулу инкишофи ҳавзаи забон, ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва истифодаи хусусиятҳои байналмилалии забони тоҷикӣ бисёр муфид мебошанд.

Дар кори диссертатсионии Расулзода Р. чунин навовариҳо дида мешаванд. Аз қабили, масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқоти сиёсӣ нисбат ба сиёсати забони давлатӣ, хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ ва мазмуну моҳияти он, масъалаҳои татбиқи сиёсати забонӣ ва

технологияҳои сиёсии он, сиёсати забонӣ ҳамчун яке аз унсурҳои таркибии инкишофи ҷомеаи тоҷикистонӣ, инчунин, масъалаҳо ва пешомади инкишофи сиёсати забонӣ дар Тоҷикистон таҳлил гардида, дурнамои инкишофи он пешниҳод карда шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди тахлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъхои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниход гардидаанд.

Дар диссертатсия ҳадафҳо ва рушди минбаъдаи забони давлатӣ нишон дода шудааст. Қайд гардидааст, ки дурнамои сиёсат дар соҳаи забон, бадастории ҳадафҳои геополитикӣ дар ҷумҳурӣ омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷиро тақозо дорад, вале ин кор бе болобарии минбаъдаи мақоми забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеаи имрӯза наметавонад пурсамар бошад. Аз ин рӯ, такмили омӯзишу таълими забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ бояд қисмҳои таркибӣ ва ҷудонашавандаи як барномаи яклухти фаъолияти минбаъда дар татбиқи сиёсат дар соҳаи забон эътироф карда шаванд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобгардида асоснок карда шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъала баррасӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмӣ, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми таҳқиқот - “Сиёсати забонӣ унсури муҳимми рушди давлатдории миллӣ” сиёсати давлатӣ оид ба забон ҳамчун фаъолияти мақсаднок, ки мақомоти давлатӣ, сохтори сиёсӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ месозанд, баррасӣ гардида, таҳлили заминаи таърихӣ ва ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур мавриди таҳлил қарор ёфтаанд.

Зербоби якуми боби мазкур - **“Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати забонӣ”** ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявию таърихии сиёсати забон бахшида шуда, ҷанбаҳои илмии масъала аз нуқтаи назари мактабҳои илмии гуногун мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки забон воситаи асосии ташаккулёбии ҳувияти гурӯҳӣ ва меъёри асосии худшиносӣ ба шумор меравад. Маҳз чунин қонуният забонро ҳамчун воситаи сиёсат ва ҳамзамон объекти муҳимтарини сиёсати давлатӣ муайян менамояд. Сиёсат падидаи бисёр васеъ ва доманадор буда, он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дарбар мегирад ва ба ҳаёти инсонҳо таъсири бузург мерасонад. Сиёсати забонӣ як самти муҳим мебошад, ки барои давлату ҷомеа нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Дар зербоби дуюми боби аввал - **“Хусусиятҳои асосӣ ва муҳимми сиёсати забонӣ дар шароити ҳозираи инкишофи Тоҷикистон”** заминаҳои таърихӣ ва сиёсии масъалаи сиёсати забон таҳлил гардидаанд. Забон

бузургтарин омили рушди инсон дар ҷомеа мебошад, ки миллату халкиятҳоро бо хусусиятҳои хосашон ба ҳамдигар муаррифӣ менамояд. Асоситарин вазифаи забон ин муоширату муносибати инсонҳо мебошад. Ҳар як давраи таърихи хусусиятҳои махсуси худро дорад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таъсир мерасонад. Забони тоҷикӣ низ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти иҷтимоӣ марҳилаҳои гуногуни рушдро аз сар гузаронидааст. Ҳар яке аз ин марҳилаҳои таърихӣ махсусиятҳои худро доро мебошад ва таҳлилу омӯзиши он аҳаммияти бисёр муҳим дорад. Муаллиф қайд мекунад, ки баъди ба даст овардании истиқлолияти сиёсӣ вазъи кишвар ба таври куллӣ тағйир ёфт. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳаёти ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, даврони нави сиёсӣ ва иқтисодии рушд оғоз ёфт.

Пас аз эълони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайдо шудани давлати соҳибихтиёри тоҷикон дар харитаи сиёсии ҷаҳон мушкилоти зиёде вобаста ба ташаккули ҳувияти нав ва эҳёи худшиносии миллӣ ба миён омад. Аз солҳои аввали истиқлол ва то имрӯз дар Тоҷикистон раванди дарёфти роҳҳо барои ҳалли мушкилот ва эҳёи ҳувияти миллии дунявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳкими тамоюлҳои динии бунёдӣ идома ёфта истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз шаклҳои дарёфти ҳувият ва баландбардории худшиносии миллӣ, ки аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд, инчунин, дар ҷумҳурӣ мунтазам чорабиниҳои назарраси фарҳангӣ ва ҷашнӣ гузаронида мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар яке аз давраҳои ташаккули забони тоҷикӣ дорои суннатҳои хаттӣ буда, меъёрҳои адабии забон дар асоси онҳо шакл гирифтаанд. Аз ин рӯ, ташаккули ҳар як давраи таърихӣ бар асоси осори хаттӣ мутобиқи меъёрҳои ин давраҳо мушаххас карда мешавад.

Дар боби дуюми диссертатсия - **“Ҳадафҳо ва самтҳои инкишофи сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ба таҳлили амиқи сиёсати забонӣ бахшида шуда, вазъи сиёсати забони давлатӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ба масъалаҳои рушди устувори забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ мунтазам таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва мақоми онро ҳимоя мекунад. Зеро маҳз забони давлатӣ дастовардҳо ва ҳастии моддиву маънавии мардуми кишвари моро дар дохил ва хориҷи он муаррифӣ менамояд. Забони тоҷикӣ дар ташаккули маънавии мардум, ташаккули идеологияи миллӣ нақши бузург дорад. Дар марҳалаи имрӯзаи рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ба як қатор масъалаҳо, аз қабили таҳқиқи фарогири лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, истифода аз захираи вожагони истилоҳоти ҳамзабонон, масъалаи забони меъёр ва ҳусни баён, татбиқи қонуни забон бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия - **“Сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон ва масъалаҳои технологияи сиёсии татбиқи онҳо”** ба таҳлили равандҳо ва падидаҳои муосири забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

бахшида шудааст. Аз таҳлили равандҳои муосири Тоҷикистон маълум мегардад, ки аввалин кӯшишҳои истиқлолхоҳӣ аз масъалаҳои забонӣ ва мустаҳкам намудани мақоми забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ба миён омаданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати соҳибистиқлол имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ рушд намуда истодааст. Дар ин замина, ҳифзи арзишҳои миллӣ бисёр муҳим мебошад. Хусусияти Тоҷикистон дар он аст, ки минтақаҳои танзими гурӯҳҳои этникӣ бо сарҳадҳои давлатӣ мувофиқ нестанд. Тоҷикон ва тоҷикистониён дар саросари ҷаҳон ва тамаддунҳои мухталиф қарор доранд ва танҳо таносуби дурусти сиёсат дар саросари ҷаҳон сулҳ, субот ва рушди устуворро таъмин хоҳад кард. Бинобар ин, зарурати муҳимтарини устувории геополитикии минтақаи сарҳадӣ ва мақоми геополитикии Тоҷикистон - татбиқи тавозуни сиёсат, мувофиқат ва ваҳдат бо номи сулҳ, субот ва рушд мебошад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **"Сиёсати забонӣ яке аз унсурҳои таркибии инкишофи иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ"** ба таҳлили накши забони давлатӣ дар ташаккули идеологияи миллӣ ва таъсири он ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ нигаронида шудааст. Забони тоҷикӣ ҳамчун омили муҳимми пойдории миллат ва давлатдории миллӣ аз ҷониби давлат ҳимоя ва нигаҳдорӣ мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар бораи забон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар таъмини рушди бомароми забони давлатӣ ва забонҳои дигари ҷумҳурӣ равона шудааст. Забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ накши муҳим дорад.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки забон ҳамчун як падидаи ҷамъиятӣ аст, забон бо ҷомеа ва ҷомеа бо забон алоқаи ногусастанӣ дорад. Забон дар ҷомеа инкишоф ва ташаккул меёбад ва муносибатҳоро дар ҷомеа ба танзим медарорад. Ба андешаи муаллиф дар инкишофи забон ду омили асосӣ накши муҳим дорад: дохилӣ ва хориҷӣ. Агар омили дохилӣ ба таҳаввули қонунҳои дохилии забон асос ёбад, омили берунӣ ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Вале, азбаски қонунҳои дохилии забон ҳам дар ҳамбастагӣ бо ҷомеа инкишоф меёбанд, ҳарчанд онҳо пойдориву устувории забонро таъмин намоянд ҳам, аз таъсири такони берунӣ барканор намемонанд. Ин махсусан, дар тағйиру таҷдиди меъёрҳои лугавӣ ва низоми овозии забон бештар эҳсос мегардад.

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия - **"Мақом ва накши Истиқлоли сиёсӣ таҳкими сиёсати давлатии забонӣ дар Тоҷикистон: дарёфти роҳу воситаҳои зиддиятҳо ва муқовиматҳои эҳтимолӣ"** мебошад. Дар зербоби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки волотарин дастоварди сиёсӣ дар таърихи Тоҷикистони навин соҳиб шудан ба истиқлоли давлатӣ мебошад. Дар зербоби мазкур муалиф доир ба дастовардҳои замони истиқлол, рушди инкишофи забони тоҷикӣ дар ин давра таҳлилҳо анҷом дода, таҳдиду хатарҳои эҳтимолиро вобаста ба забон нишон додааст. Дар рисола оварда шудааст, ки баъди ба даст овардани Истиқлол забони тоҷикӣ чун забони

давлатӣ дар ҷомеа мавқеи бунёдӣ пайдо кард. Маҳз бо шарофати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 05 октябри соли 2009 қабул шудааст, забони миллии мо бо пуштибонии ҳуқуқии давлату ҷомеа аз ҳама сарчашмаҳои имконпазир дар рушду такомули хеш ба хотири иҷрои вазифаву масъулиятҳои забони давлатӣ бархурдор аст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсияи Расулзода Р. баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо низ ҷойд доранд:

1. Дар диссертатсия мафҳуми "сохмони забонӣ" хоси солҳои 60 – уми асри XX дар Иттиҳоди Шӯравӣ (с.22) дониста шудааст, ки нодуруст аст. Мафҳуми "сохтмони забонӣ" языковая строительства хоси охири солҳои 20 ва солҳои 30-юми асри XX буда, тағйири алифбо (1930 лотинӣ, 1940 кириллӣ), сиёсати русикунонии забон аз истилоҳот шуруъ карда, то бархе аз бахшҳои дастури забонро фаро мегирифт.
2. Муаллиф ба ақидаи донишманди рус Илишев И.Г. (с.23) такя карда, аз номи ӯ ин давраро "плюрализми забонӣ" меноманд. Ҳол он ки ин давра ба номи русикунии забонӣ маъруф аст. Ҳамчун сохтани истилоҳоти забонҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар асоси истилоҳоти русӣ-аврупоӣ, зиёд кардани соатҳои барномаи таълими забони русӣ дар мактабҳои миллӣ, маҳдуд кардани соатҳои дарсии забонҳои дигар, забони коргузорӣ шудани забони русӣ дар маҳаллаҳои аҳолинишини тамоми ҷумҳуриҳо ва асос гузаштани мафҳуми "халқи шуравӣ" исботи ин ақида аст.
3. Аз назари рисоланавис таҳқиқу баррасии ҳуҷҷату санадҳои дар бораи забон ва истилоҳоти забони тоҷикӣ қабулкардаи мақомоти Тоҷикистон дур мондааст. Аз ҷумла, "Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ" (1935), Фармони №1 Комиссари маорифи ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ" (1939). Ин ҳуҷҷатҳо пеш аз ҳама хусусияти сиёсати забонӣ дошта, бештар ба русикунонии забон нигаронида шудаанд.
4. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳои назарӣ ва амалии сиёсати забонӣ аз донишмандони ватаниву хориҷӣ иқтибос меорад. Вале мавқеъ ва назари худи муаллиф дар бораи ин масъалаҳо норавшан боқӣ мондааст. Ӯ бо донишмандон баҳс намекунад, нуқтаи назари худро баён намекунад.
5. Дар диссертатсия таҳлили адабиёти илмӣ ҷолиб сурат гирифтааст, аммо унвонҷӯ аз осори олимони ватанӣ, ки дар самти рушду инкишофи забони тоҷикӣ анҷом додаанд, хеле кам истифода кардааст. Ба ғайр аз овардани номҳои Саймиддинов Д., Ҷураев Ғ. Ва чанде дигар забоншоносон мутаассифона, аз нуқтаи назари мавзӯъ таҳлилу баррасии илмӣ нанамудааст.
6. Тафсири адабиёт оид ба мавзуъ аз осори ватанӣ огоз шуда, сипас ба осори хориҷиён мегузашт, хубтар аст.
7. Хулосаи рисолаи илмӣ танҳо як банди васеъ (с140-159) 19 саҳифа иборат аст. Онро муаллиф кутоҳ карда, бо бандҳои алоҳида ҷудо мекард, аҳамияти илмии диссертатсия боло мерафт.

8. Дар бахши “Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳо” “мафҳуми “забонҳои форсӣ” (с.154) истифода шудааст, ки аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ дуруст нест. Ба ҷойи ин ибора муаллиф бояд ибораи “забонҳои эронӣ” – ро истифода мекард. Забони форсӣ як забон аст ва забонҳои эронӣ (форсӣ, курдӣ, пашту...) зиёданд.
9. Иштибоҳоти имлоӣ ва услубӣ дар саҳифаҳои 2, 3, 4, 5, 6, 10, 12 ва такрори фикр дар саҳифаҳои 14 17,...122, 125, 155 – и диссертатсия ба назар мерасанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки рисолаи баррасишаванда таҳқиқоти мустақил ва дорои афзалиятҳои назариявӣ ва амалӣ аст. Хулосаи диссертатсия бо дарназардошти талаботи мавҷудаи расмӣ иншо шуда, ба ниёзҳои илмӣ ҷавобгӯст. Автореферат ва мақолаҳои чопкардаи муаллиф моҳият ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқотҳои марбути кори диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ нашр шудаанд ва дар ҳаҷми 188 саҳифа омода гардидааст.

Диссертатсияи Расулзода Рухсора дар мавзӯи «Сиёсати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд ва муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02. - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ — Назарзода С.

Имзои Назарзода С.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири кадр: — Нарзиқулова Ҳ.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

“10” июни с. 2024